# ШАРТНОМАИ ОФЕРТАИ ОММАВӢ

Дар бораи расонидани хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба шахсони воқеӣ тавассути барномаи мобилии Амонатмобайл.

Ҳуҷҷати мазкур офертаи оммавӣ (минбаъд – Оферта) буда, тавассути он КВД БА ҶТ «Амонатбонк» (минбаъд – Бонк) ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои фосилавии бонкиро тариқи барномаи Амонатмобайл, пешниҳод менамояд.

1. МАФҲУМ ВА ТАЪРИФҲО:

1.1. Мафҳумҳои, ки дар Оферта истифода бурда мешаванд:

- Иҷозатдиҳӣ (Авторизация) раванди муайян намудани ҳуқуқҳои Истифодабаранда барои иҷрои амалиётҳои молиявӣ дар барнома тавассути фиристодани дархости OTP (рамзи яккакарата) ҷиҳати дастрасӣ ба истифодаи маҳдуди барномаи мобилӣ мебошад;
- Истифодабарандаи ваколатдор – Истифодабарандаи Амонатмобайл, ки то ҳол аз санҷиши мушахасскунӣ нагузаштааст, ҳуқуқ дорад аз шумораи маҳдуди хизматрасониҳои Амонатмобайл истифода барад;
- Аутентификатсия – ин тартиби тасдиқи Истифодабаранда бо пойгоҳи маълумотҳои Бонк барои муайян намудани мувофиқатии Истифодабаранда бо параметрҳои тасдиқшудае, ки аз ҷониби ӯ пешниҳод гардидааст;
- Бонк – дастгоҳи марказї ва филиалҳои КВД БА ЉТ «Амонатбонк»;
- Корти бонкӣ - кортҳои пластикии бонкии низомҳои пардохтии миллии "Корти миллӣ" ва низомҳои пардохтии байналмилалии "VISA", "MASTER CARD", ки аз ҷониби Бонк, инчунин дигар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд;
- Верификация - муайян намудани шахсияти Истифодабаранда ҳангоми муроҷиат ба Бонк ҷиҳати анҷом додани амалиётҳои бонкӣ ва дигар амалҳое, ки дар Шартнома дарҷ гардидаанд.
- Дастгоҳи боэътимод – дастгоҳи мобилие, ки дар он барномаи мобилии Амонатмобайл насб шудааст ва Истифодабаранда рамзи махфиро дар он эҷод кардааст;
- Хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ (ХФБ) - маҷмӯи хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар асоси фармоишҳои электронӣ аз ҷониби Истифодабаранда тавассути низомҳои телекоммуникатсионӣ пешниҳод мегарданд;

- Истифодабаранда – шахсе, ки мушаххас/мушаххасношуда аст ва ҳуқуқи истифода намудани хизматрасониҳои Амонатмобайлро қисман ва ё пурра соҳиб шудааст.
- Мушаххаскунӣ – тасдиқи маълумотҳои шахсии Истифодабаранда дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи ӯ, ҳамчунин маълумотҳои иловагии тасдиқшуда, бо мақсади анҷом додани санҷиши дақиқи шахсияти Истифодабаранда;
- Таърихи пардохтҳо – сабти электронии таърихи ҳамаи амалиётҳои молиявии Истифодабаранда мебошад, ки дар Амонатмобайл анҷом дода шудаанд;
- Расиди электронӣ (квитансия) – маълумот дар бораи қабул ва ё пардохти маблағҳои электронӣ тавассути барномаи Амонатмобайл;
- Логин – рақами телефони мобилии Истифодабаранда, ки аз ҷониби Истифодабаранда ҳамчун шахси муайяншуда (идентификатсия) барои ворид шудан ба барномаи Амонатмобайл, истифода мешавад;
- Рамз – пайдарпайии махфии аломатҳое, ки аз ҷониби Истифодабаранда муқаррар карда шудаанд ва ҳамчун шахси мушаххасшуда (идентификатсия) барои ворид шудан ба низом, истифода карда мешаванд;
- Амонатмобайл – барномаи махсус барои анҷоми амалиётҳои бонкии фосилавӣ-онлайн ва гирифтани маълумот дар бораи суратҳисобҳо. Истифодабаранда метавонад барномаи мобилиро бо зеркашӣ кардани он аз манбаи расмии мувофиқ ба дастгоҳи мобилии худ истифода намояд.
- Рӯзи амалиётӣ – вақти қабули амалиётҳо ва гузаронидани маблағҳо;
- Бақайдгирӣ (Регистрация) – амалҳои Истифодабаранда барои пайваст шудан ба Амонатмобайл ва пешниҳоди маълумоти мушаххас, ки имкон медиҳад, ки Пешниҳоди оммавӣ аз ҷониби Истифодабаранда муқаррар ва ё тасдиқ карда шавад. Тартиби бақайдгирӣ аз ҷониби Бонк муайян карда мешавад;
- Рамзи махфӣ – рамзи махфӣ, ки танҳо ба Истифодабаранда маълум аст (рақамӣ - аз 4 то 8 аломат, ё ҳарфӣ-рақамӣ, ё рамзӣ), ки аз ҷониби Истифодабаранда мустақилона дар телефони мобилии худ дар барномаи Амонатмобайл пас аз тасдиқи бомуваффақият, сохта шудааст.
- Суратҳисоб - суратҳисоби бонкӣ (ҳисоби пасандози дархостӣ, суратҳисоби корт, суратҳисоби пасандози мӯҳлатнок, суратҳисоби қарзӣ, суратҳисоби ҳамёни электронӣ ва дигар суратҳисобҳо)-и

Истифодабаранда, ки дар Бонк бо асъори миллӣ ва хориҷӣ кушода шудаанд ва Истифодабаранда тавассути барномаи Амонатмобайл амалиётҳои молиявии худро амалӣ менамояд;

- Тарофаҳои Бонк – меъёрҳои комиссияҳо барои хизматрасониҳо;
- Шахсони сеюм – ҳамаи шахсони дигар ба истиснои Бонк ва Истифодабаранда;
- Хизматрасониҳо - бо истифода аз хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, ки ба Истифодабаранда имкон медиҳад амалиётҳои молиявии дар бонк дастрасбударо анҷом диҳад.
- Пардохти электронӣ – бо дастури Истифодабаранда амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ;
- Почтаи электронӣ – барои барқарорсозӣ ва огоҳсозӣ;
- Face ID / Touch ID – функсияҳои шинохти истифодабаранда бо рӯй ё ангушт;
- OTP – рамзи яккакарата барои воридшавӣ;
- Push-хабар – огоҳиномаи электронӣ ба дастгоҳи мобилӣ;
- QR-код – рамзи графикӣ барои интиқоли маблағҳо;

## 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ:

2.1. Хизматрасониҳои бонкии фосилавӣ ба Истифодабаранда тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва қоидаҳои дохилии Бонк, пешниҳод карда мешаванд.

2.2. Шартнома шартҳои асоси ва қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии бонкиро, ки аз ҷониби Бонк ба Истифодабаранда пешкаш мегарданд, муайян менамояд.

2.3. Шартнома байни Бонк ва Истифодабаранда дар асоси ҳамроҳ шудани Истифодабаранда ба Созишнома дар маҷмӯъ, мувофиқи талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, баста мешавад.

2.4. Ҳама амалиётҳое, ки бо истифода аз барномаи Амонатмобайл аз ҷониби Истифодабаранда амали мегарданд, анҷомдодашуда ҳисобида мешаванд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки Дастгоҳи боэътимод ва ё телефони Истифодабаранда аз ҷониби шахсони сеюм бо огоҳӣ ва ё бе огоҳии ӯ, истифода карда шавад.

2.5. Тарафҳо розӣ ҳастанд, ки Бонк ҳуқуқ дорад Шартномаро якҷониба тағйир диҳад. Ҳама гуна тағйиротҳое, ки аз ҷониби Бонк ба Шартнома ворид карда мешавад, аз рӯзи ҷойгир намудан дар сомонаи Бонк, иҷроиши он барои Тарафҳо ҳатмӣ мегардад.

2.6. Меъёрҳои комиссия барои амалиётҳои аз ҷониби Истифодабаранда анҷомдодашуда мувофиқи тарофаҳои ҷории Бонк, муқаррар карда мешаванд. Меъёрҳои комиссияҳо дар бахши "Тарифҳо ва ҳуҷҷатҳо"-и сомонаи Бонк, нашр карда мешаванд.
2.7. Истифодабаранда мустақилона аз ҳисоби худ масъалаҳои техникӣ ва дастрасӣ ба интернетро ҷиҳати пайваст шудан ба барномаи Амонатмобайл таъмин менамояд.
2.8. Бонк барои ягон зарар, талафот ё дигар оқибатҳои манфии марбут ба вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур аз ҷониби Истифодабаранда ҷавобгар намебошад.
2.9. Истифодабаранда огоҳ карда мешавад, ки Низом метавонад бо хатари дастрасии беиҷозат ба суратҳисобҳо дучор шавад, дар сурате, ки агар Истифодабаранда шартҳо ва қоидаҳои ҳифзи маълумотҳоро риоя накунад.
2.10. Истифодабаранда ба Бонк розигї медиҳад, ки маълумотҳоеро, ки дорои сирри бонкӣ ҳастанд, пурра ва ё қисман ба шарикони тарафи сеюми Бонк, ки Бонк бо онҳо созишномаҳои махфият ва ифшо накарданро бастааст, пешниҳод намояд, яъне:
2.10.1. онҳое, ки хизматҳо ва/ё корҳои таҳия ва/ё тағйир додани коркарди барномаҳои Бонкро анҷом медиҳанд, хизматҳо барои насби барномаҳо ва дастгирии техникӣ пешниҳод мекунанд ва/ё онҳое, ки ба Бонк хихзматҳои машваратӣ мерасонанд;
2.10.2. барои ҷамъоварӣ ва сабти холҳои бонусӣ/таъмини пардохтҳо/мукофотпулӣ ба Истифодабаранда ҳангоми аксияҳо ва ё дигар чорабиниҳои ҳавасмандгардоние, ки аз ҷониби Бонк баргузор мегарданд.
2.11. Ҳамроҳшавии Истифодабаранда ба Шартнома тавассути иҷозати муваффақона дар Амонатмобайл, анҷом дода мешавад.
2.12. Пешниҳоди Шартномаи Оммавии мазкур баробар ба Шартномаи коғазӣ (шакли хаттӣ) буда, дорои қувваи қонунии якхела мебошанд. Шартномаи Оммавӣ дар шакли Пешниҳоди Оммавӣ/Шартнома таҳия шудааст ва ҳангоми истифода тавассути Барномаи мобилӣ, мӯҳр ва/ё имзои тарафҳоро талаб намекунанд ва дар ҳолат қувваи пурраи қонуниро ҳифз менамояд.

## 3. МАҚСАДИ ШАРТНОМА:

3.1. Тибқи Шартномаи мазкур, Бонк ба Истифодабаранда, имконияти истифода намудан аз хизматрасониҳои бонкиро фароҳам меорад.

3.2. Дар сурати қобили қабул шуморидани шартҳои Шартномаи Оммавӣ, Истифодабаранда розигӣ медиҳад, ки Бонк метавонад мувофиқи тарофаҳои хизматрасонӣ, ҳаққи хизматрасониро ситонад.

## 4. БАҚАЙДГИРИИ ИСТИФОДАБАРАНДА ВА ҚАБУЛИ ШАРТНОМАИ ОММАВӢ:

4.1. Дастрасӣ ба замима тавассути насб ва зеркашӣ барои Android, iOS ва дигар системаҳо, амалӣ карда мешавад.
4.2. Барои бақайдгирӣ Истифодабаранда бояд:

- замимаро насб кунад;
- рақами телефонро ворид кунад;
- рамз аз SMS ворид кунад;
- бо шартҳои Оферта розӣ шавад;
- рамз ва кодҳои Touch ID / Face ID / рамзи махфӣ созад.

4.3. Дар сурати розӣ шудан, Истифодабаранда тасдиқ мекунад, ки:

- бо тамоми шартҳо шинос шудааст ва қабул мекунад;
- тарофаҳоро мефаҳмад ва қабул мекунад;
- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шартномавӣ дорад;
- ба талабот ва қоидаҳои замима мувофиқ амал мекунад;
- маълумоти дуруст пешниҳод кардааст;
- бо тавсияҳои бехатарӣ шинос шудааст;
- рақами телефони худро барои хизматрасонӣ ба оператор медиҳад;
- Бонк метавонад Офертаро ҳамчун далел истифода кунад.

4.4. Логин ва рамзи Истифодабаранда пас аз бақайдгирии муваффақонаи ӯ дар Амонатмобайл муқаррар карда мешаванд.
4.5. Истифодабарандае, ки раванди бақайдгириро анҷом додааст, ваколатдор ҳисобида мешавад.
4.6. Истифодабарандаи ваколатдор ҳуқуқҳои маҳдуди истифодаи маҳдуди хизматрасониҳои Амонатмобайл-ро пайдо мекунад.
4.7. Барои истифодаи ҳама хизматрасониҳои Амонатмобайл, Истифодабаранда бояд аз мушаххаскунӣ гузарад.

## 5. ТАРТИБИ МУШАХХАСКУНӢ, АУТЕНТИФИКАТСИЯ ВА ТАСДИҚ:

5.1. Мушаххаскунӣ ба резидентҳои Ҷумҳурии Тољикистон дастрас аст.
5.2. Тартиби мушаххаскунӣ: ворид кардани маълумоти ҳуҷҷати тадиқкунандаи шахсият ва биометрия.
5.3. Аутентификатсия: OTP, Touch ID / Face ID, рамзи махфӣ.
5.4. Тасдиқ: рамзи махфӣ, Touch ID / Face ID.
5.5. Истифодабаранда пас аз тасдиқ бо рамзи махфӣ/код тасдиқшуда ҳисобида мешавад.

6. ШАРТҲОИ АСОСИИ ХИЗМАТРАСОНӢ:

6.1. Бонк хизматрасониҳоро бо шартҳои зеринпешниҳод менамояд:

- бақайдгирии муваффақ;
- мушаххаскунии бонкӣ ва ё фосилавӣ;
- маблағи кофӣ дар суратҳисоб;
- риояи меъёрҳо (лимитҳо);
- пардохти комиссияҳо;
- надоштани маҳдудиятҳо;
- имкониятҳои техникии Бонк ва дигар шартҳои муайяншуда.

6.2. Ба Истифодабарандагони мушаххаснашуда хизматрасонї маҳдуд мебошад.
6.3. Интиқоли маблағ ба корти миллӣ ва дигар бонкҳои ҶТ.
6.4. Меъёрҳоҳои (Лимитҳои) рӯзона, моҳона ва амалиётӣ муайян карда мешавад.
6.5. Дар ҳолатҳои пайдо гардидани шубҳа: анҷом додани амалиётҳои ғайриқонунӣ, маълумоти нодуруст, амалиётҳои шубҳанок, амалиётҳои пулшӯӣ ва маблағгузории терроризм ва ғайра, Бонк метавонад аз Истифодабаранда тасдиқкуниро (верификация) талаб кунад.
6.6. Дар ҳолатҳои номутобиқ будани амалиёт, шубҳанок будани амалиёт, вайрон кардани талабот ва қонун, Бонк метавонад якҷониба дар пешниҳоди хизматрасониҳо маҳдудият гузорад ва ё хизматрасониро рад кунад.
6.7. Бонк дархости истифодабарандаро қабул намекунад, агар маблағ дар суратҳисоби вай кам бошад ё амалиёт аз меъёрҳо (лимит) зиёд бошад.

6.8. Бонк барои комиссияҳои бонкҳои дигар масъул нест.
6.9. Истифодабаранда метавонад хизматрасониро то тасдиқи параметрҳо рад кунад.
6.10. Истифодабаранда розӣ аст ва қабул мекунад, ки ҳангоми интиқоли маблағ ба кортҳои дигар бонкҳо аз он ҳаққи хизматрасонии иловагӣ ситонида шавад.
6.11. Қурби хариду фурӯши асъор аз ҷониби Бонк муайян мешавад ва он метавонад дар давоми рӯзи корӣ тағйир ёбад.

8. ҲУҚУҚ ВА МАСЪУЛИЯТҲОИ ТАРАФҲО:

8.1. Бонк уҳдадор аст:
8.1.1. Хизматрасониро дар доираи талаботи Шартномаи мазкур ва тибқи талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст пешниҳод намояд;
8.1.2. Матни Пешниҳоди Оммавиро дар вебсайти Бонк ҷойгир кунад;
8.1.3. Сирри бонкиро дар бораи амалиётҳои Истифодабаранда ва маълумот дар бораи Истифодабарандаро махфӣ (ба истиснои талаботи қонунгузории Љумҳурии Тољикистон) нигоҳ дорад;
8.1.4. Маълумот дар бораи амалиётҳо бо истифода аз Амонатмобайл ва маълумот дар бораи Истифодабаранда метавонад аз ҷониби Бонк ба шахсони сеюм дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад;
8.1.5. Барои пешгирии дастрасии беиҷозат аз ҷониби шахсони сеюм ба маълумот дар бораи ҳисобҳои Истифодабаранда ва амалиётҳое, ки онҳо дар Амонатмобайл анҷом медиҳанд чораҳои амниятӣ ва техникро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тољикистон татбиқ намояд (ба истиснои ҳолатҳое, ки таъмини амният аз љониби Истифодабаранда вайрон нагардида бошад).
**8.2. Истифодабаранда уҳдадор аст:**
8.2.1. Амалиётҳои марбут ба шустани пул, дроперрӣ, маблағгузории терроризм ё паҳншавии силоҳи қатли ом ё амалиётҳоеро, ки барои Бонк хатарҳои нуфузу эътиборро ба вуҷуд меоранд, анҷом надиҳад;
8.2.2. Тибқи Шартномаи мазкур, амалиётҳои марбут ба фаъолияти соҳибкориро анҷом надиҳад;

8.2.3. Пеш аз пайвастан ба Шартномаи мазкур бо шартҳои Шартнома ва тарофаҳои Бонк пурра шинос шавад;
8.2.4. Пеш аз истифодаи хизматрасониҳо бо маҳдудиятҳои Бонк оид ба пешниҳоди чунин хизматрасониҳо шинос шавад;
8.2.6. Комиссияи бонкиро барои пешниҳоди Хизматрасонӣ (агар мавҷуд бошад) мувофиқи Тарофаҳои Бонк анҷом диҳад;
8.2.7. Мустақилона амнияти иттилоотии дастгоҳеро, ки тавассути он барномаи мобилӣ истифода мешавад, таъмин намояд;
8.2.8. Махфияти логин ва рамзро пурра таъмин намояд ва аз истифодаи рамзи тасдиқшуда, воситаҳои алоқа ё дигар маълумоти пешниҳодкардаи Бонк, аз ҷониби шахсони сеюм пешгирӣ намояд;
8.2.9. Ҳангоми пешниҳоди фармоиши пардохтӣ барои хизматрасонӣ маълумоти дақиқеро, ки аз ҷониби Бонк дархост шудааст, пешниҳод намояд;
8.2.10. Дар сурати гум шудани дастгоҳи мобилӣ ё рақами телефони мобилӣ ва ё вайроншавӣ, ки тавассути он маълумоти Истифодабаранда дар низомҳо ба қайд гирифта шудааст, инчунин дар ҳолатҳои дастрасии беиҷозат ба ҳисобҳо ва аз ҳисоб баровардани маблағҳо, фавран Бонкро тавассути занг задан ба Маркази тамоси бонк огоҳ кунад. Бонк барои ҳеҷ гуна зараре, ки Истифодабаранда дар натиҷаи ҳодисаҳои дар боло зикршуда ба бор овардааст, масъул намебошад;
8.2.11. Бо дархост ба Бонк ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои заруриро барои иҷрои вазифаҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи мазкур, пешниҳод кунад;
8.2.12. Дар ҳолати тағйир ёфтани маълумотҳои Истифодабаранда (тағйири суроға, тағйири номи пурра, иваз кардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият ва ғайра), Истифодабаранда уҳдадор аст маълумоти мушаххасро тавассути барномаи мобилии Амонатмобайл, фавран навсозӣ кунад;
8.2.13. Маълумотҳоро дар бораи тағйир ёфтани хизматрасониҳои бонкӣ тавассути вебсайти Бонк, саҳифаҳои расмии шабакаҳои иҷтимоии Бонк ва хабарҳое (push) равон мешаванд мунтазам тафтиш кунад;
8.2.14. Ба Бонк ҳуқуқ медиҳад, ки маблағҳоро аз суратҳисобҳо барои ҷуброни зараре, ки аз ҷониби Истифодабаранда дар натиҷаи риоя накардани шартҳои Шартнома ба Бонк расонида шудааст, инчунин

ҳаққи пардохтҳое, ки Бонк барои иҷрои фармоишҳои Истифодабаранда мувофиқи тарофаҳои ҷории Бонк пардохт мекунад, ситонад;

8.2.15. Ҳангоми истифодаи барномаи Амонатмобайл маълумотҳоро бодиққат аз назар гузаронад, аз имконоти пешниҳодшуда мувофиқи мақсадҳои худ амалҳоро интихоб кунад ва дақиқии маълумоти воридшударо бодиққат тафтиш кунад;

8.2.16. Ба шахсони сеюм рамзҳои якдафъаинаи SMS ва/ё рамзҳои фаъолсозиро, ки барои анҷом додани ягон амалиёт бо истифода аз кортҳои пластикии ба барномаи мобилӣ пайвастшуда ё пайваст кардани кортҳои пластикӣ ба барномаи дигари мобилӣ, фаъолсозии огоҳиномаи SMS, истифодаи корт ё дастрасӣ ба барномаи мобилӣ фиристода шудаанд, пешниҳод накунад.

## 8.3 ҲУҚУҚҲОИ БОНК:

8.3.1 Аз пешниҳоди Хизматрасонӣ ба Истифодабаранда тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё Шартномаи мазкур, инчунин дар сурати ошкор шудани он, ки Истифодабаранда маълумоти бардурӯғро барои пешниҳоди хизматрасонӣ пешниҳод кардааст ё шартҳои тасдиқи пешбининамудаи банди 6.5-и ин Офертаи Оммавиро вайрон кардааст, даст кашад;

8.3.2 Агар Бонк қарор қабул кунад, ки фаъолияти Шартномаи Оммавиро бекор кунад, Бонк ҳуқуқ дорад дар зарфи 10 рӯзи бонкӣ аз санаи нашри эълони дахлдор дар сомонаи худ ё тариқи огоҳиномаи (push) , пешниҳоди хизматрасониро, яктарафа қатъ кунад;

8.3.3 Ҳама гуна маълумотҳои марбут ба Истифодабарандаро коркард кунад;

8.3.4 Агар сабабҳои техникӣ ё дигар ҳолатҳое ба миён оянд, ки истифодаи Амонатмобайлро маҳдуд мекунанд, истифодаи барномаро ба таври яктарафа барои муҳлати номуайян боздорад;

8.3.5 Агар асосҳои кофӣ барои боварӣ ҳосил кардан аз он, ки кӯшиши дастрасии беиҷозат ба суратҳисобҳои Истифодабаранда рух додааст ва ё рух дода метавонад, муваққатан маҳдудиятҳоро дар хизматрасониҳо ва истифодабарии барномаи Амонатмобайл бе огоҳӣ ба Истифодабаранда татбиқ намояд;

8.3.6. Агар тарофаҳои Бонк барои кам кардани ҳаққи комиссионӣ (барои фароҳам овардани шароити мусоид барои Истифодабаранда) тағйир

дода шаванд, Бонк ҳуқуқ дорад, ки чунин тағйиротро якҷониба на дертар аз 1 рӯзи бонкӣ пас аз эътибор пайдо кардани чунин тағйирот, бе огоҳӣ ба Истифодабаранда татбиқ кунад;
8.3.7. Маблағҳои дебетӣ, ки ба суратҳисоби Истифодабаранда хато ворид карда шудаанд, бе розигии Истифодабаранда гирифта ба таъиноти аслияш равона созад;
8.3.8. Дархости пешниҳоди маълумот ва ҳуҷҷатҳо, боздоштани амалиётҳои Истифодабаранда, рад кардани пешниҳоди хизматрасонӣ ё анҷом додани амалиётҳои Истифодабарандаро мувофиқи талаботи қонунгузорӣ дар бораи мубориза бо қонунигардонии даромадҳо бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом амалӣ намояд.

8.4. ИСТИФОДАБАРАНДА ҲУҚУҚ ДОРАД:

8.4.1. Бо нусхаи Шартномаи Оферта дар дастгоҳи марказии Бонк, сомона, саҳифаҳои расмии Бонк дар шабакаҳои иҷтимоӣ ё дар низомҳои иттилоотӣ аз назар гузаронида шинос шавад;
8.4.2. Барномаи Амонатмобайл  ва иҷрои амалиётҳо 24/7 тавассути он анҷом диҳад;
8.4.3. Дархости тасдиқи ҳуҷҷатии амалиётҳо;
8.4.4. Барои истифодаи хизматрасониҳои иловагӣ;
8.4.5. Барои дархости шикоят аз сифати хизматрасонӣ то 30 рӯз;
8.4.6. Машварат бо Маркази тамос ва ё филиалҳои Бонк;
8.4.7. Яктарафа қатъ кардани фаъолият аз истифода намудани хизматрасониҳо.

9. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО ВА ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО:
9.1. Тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои нодурусти уҳдадориҳои худ мувофиқи қонунгузорӣ ҷавобгар мебошанд.
9.2. Истифодабаранда барои қонуни ва мақсаднок будани амалиётҳо ҷавобгар мебошад.
9.3. Бонк барои дуруст ворид кардан ва аз ҳисоб баровардани маблағҳо аз суратҳисоби муштарӣ масъул намебошад.

9.4. Истифодабаранда барои ҳама амалиётҳое, ки аз номи ӯ бо истифода аз барномаи Амонатмобайл анҷом дода мешаванд (бо истифода аз логин, рамзи худ, SMS ва ғайра), пурра масъул аст.
9.5. Ҳангоми ворид кардани маълумоти шахсии худ ба дастгоҳҳое, ки аз хавфҳо амн нестанд ё аз барномаҳои зараровари зери хатаранд, Истифодабаранда барои амнияти маълумоти шахсии худ пурра масъул мебошад.
9.6. Агар чунин ҳолатҳо бе мувофиқаи Бонк ба вуҷуд омада бошад, Бонк барои иҷрои нодурусти шартҳои Шартномаи Офертаи оммавӣ масъул намебошад.
9.7. Баҳсҳои марбут ба Шартномаи Офертаи Оммавӣ аз ҷониби Тарафҳо тавассути гуфтушунид ҳал карда мешаванд. Дар сурати имконнопазирии гуфтушунид, баҳсҳо тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути суд ҳал карда мешаванд.

10. КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ:
10.1. Истифодабаранда ихтиёран ва ба манфиати худ, ба коркарди доимии ҳама гуна маълумоти шахсии Истифодабаранда аз ҷониби Бонк барои фаъолияти тиҷоратии Бонк, риояи шартҳои ин Созишнома ва барои дигар мақсадҳое, ки бо қонун мухолифат намекунанд, розӣ аст. Истифодабаранда инчунин ба интиқоли маълумоти шахсии ӯ аз ҷониби Бонк ба шахсони сеюм барои иҷрои шартҳои шартномаи мазкур розӣ ҳаст.

11. МАХФИЯТ ВА ЧОРАҲОИ БЕХАТАРӢ:
11.1 Тарафҳо ӯҳдадоранд ҷиҳати таъмини махфият, боэътимодии маълумот ва амнияти иттилоотӣ, мутобиқ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дохилии Бонк, тамоми чораҳои зарурии ташкилӣ, техникӣ ва барномавиро андешанд.
11.2 Бонк дар доираи имкониятҳои техникӣ ва меъёрии мавҷуда тавассути татбиқи механизмҳои ҳифзи иттилоот, аз ҷумла мониторинги таҳдидҳо, пешгирии дахолати шахсони сеюм ва маҳдудиятҳоро ба барномаи Амонатмобайл таъмин менамояд.
11.3 Ҳамзамон, Бонк барои ҳолатҳое, ки дар натиҷаи риоя накардани талаботи амнияти иттилоотӣ аз ҷониби Истифодабаранда, истифодаи ғайриҷозати дастгоҳ, ворид намудани барномаҳои зараровар ё ошкор гардидани маълумоти махфӣ ба амал меоянд, ҷавобгар намебошад.

11.4 Истифодабаранда ӯҳдадор аст ҳангоми истифодаи барномаи мобилии «Амонатмобайл» ҳамаи чораҳои эҳтиётии заруриро риоя намуда, амнияти маълумоти шахсӣ, маълумоти тасдиқкунанда (аутентификатсия), маблағҳо ва муомилоти худро аз дастрасии шахсони сеюм таъмин намояд.
11.5 Бо мақсади пешгирии дастрасии ғайриқонунӣ ба барномаи мобилӣ, Истифодабаранда вазифадор аст дар дастгоҳи мобилӣ қулфи экрани муҳофизатиро фаъол намояд, аз ҷумла бо истифода аз парол (рақамӣ, нақш), инчунин воситаҳои биометрӣ (Touch ID, Face ID ва ё воситаҳои шабеҳ, дар ҳолати дастгирӣ гардидани онҳо аз ҷониби дастгоҳ). Рамзи интихобшуда бояд дорои дараҷаи кофии мураккабӣ буда, аз воридшавии тасодуфӣ ё ғайриқонунӣ пешгирӣ намояд.

## 12. ШАРҲОИ ДИГАР:

12.1. Бонк ҳуқуқ дорад навсозиҳоро ба барномаи мобилӣ нашр кунад ва Истифодабаранда метавонад ин навсозиҳоро мувофиқи тартиби муқарраршуда насб кунад. Истифодабаранда розӣ аст, ки шартҳо ва қоидаҳои Шартномаи Офертаи Оммавии мазкур ба чунин навсозиҳо татбиқ мешаванд.